ПРОТОКОЛИ №10

маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-134

аз «28» августи соли 2026 ш. Душанбе

Дар ҷаласа иштирок доштанд: аз 16 нафар аъзои шуро 13 нафар

Раиси шуро: Шарифов Зариф Раҳмонович – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор.

Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2026, №231/шд, тасдиқ карда шудааст, 13 нафар иштирок доранд, ки аз инҳо 5 нафарашон докторони илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд. Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба ҳимояи иҷозат додани диссертатсияи Саидмуродова Малика Абдуваҳобовна дар мавзуи «Ташаккул ва рушди бехатарии озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити диверсификатсияи иқтисодиёти миллӣ (назария, методология ва амалия)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.6. Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ.

ШУНИДА ШУД:

Раиси комиссияи экспертӣ Раҷабов Р.К. ва аъзои комиссия Мирсаидов А.Б. ва Раҳматзода Ҳ.Б оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Саидмуродова Малика Абдуваҳобовна дар мавзуи «Ташаккул ва рушди бехатарии озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити диверсификатсияи иқтисодиёти миллӣ (назария, методология ва амалия)», барои дарёфти дараҷаи илмии докторт илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.6. Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Саидмуродова Малика Абдуваҳобовна дар мавзуи «Ташаккул ва рушди бехатарии озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити диверсификатсияи иқтисодиёти миллӣ (назария, методология ва амалия)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи

ихтисоси 5.2.6. Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

1. Диссертатсияи Саидмуродова Малика Абдуваҳобовна дар мавзуи «Ташаккул ва рушди бехатарии озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити диверсификатсияи иқтисодиёти миллӣ (назария, методология ва амалия)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.6. Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- **Пиризода Ҷалил Сафар** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, директори Институти иқтисодиёт ва таҳқиқии ситемавии рушди кишоварзи Академияи илмои кишоварзӣ Тоҷикистон;
- **Давлатзода Қудрат Қамбар** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректор Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ;
- **Ризозода Тура Раббим** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Муассиса ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 05.12.2026, соати 10.00 муқаррар карда шавад.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 13 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. **Якдилона қабул карда шуд.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шарифов З.Р.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Олимов А.Х.

Имзои Шарифов З.Р. ва Олимов А.Х.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Қурбонзода А.Х.